**Суратҷаласаи**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-063**
**назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

*ш. Душанбе* *№3* *аз 28 ноябри 2023с.*

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон аз 01 июни соли 2022, №112/шд бо тағйиротҳо аз 03 апрели соли 2023, №63/шд, тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 11 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мебошанд.

**ШУНИДА ШУД:** Ҳимояи диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ.

**Мавзӯи диссертатсия:** “Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)”.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар, ба номи Носири Хусрав, иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Умаров Хоҷамаҳмад Умарович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Шаропов Фарҳод Разоқович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
- Бобозода Афзалшоҳи Олимҷон - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи идораи молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 6 тақриз ворид гардид, ки ҳамаи онҳо мусбӣ мебошанд.

Ба довталаб 8 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро пешниҳод гардиданд: Обидов Ф.С., Самандарзода И.Ҳ., Алишоев Х.Ҳ., Ризоқулов Т.Р.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ., д.и.и., профессор Кудратов Р.Р., д.и.и., профессор Обидов Ф.С.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Ризоқулов Т.Р. (раис), н.и.и., дотсент Алишоев Х.Ҳ., н.и.и., дотсент Ҷабборов Ф.А.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Наимзода Насимҷон Қудратулло дар мавзӯи “Такмили таъминоти иттилоотии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295)) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.
3. Ба Наимзода Насимҷон Қудратулло дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Наимзода Насимҷон Қудратуллоро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: зид - нест, бетараф - нест.
Қарор якдилона қабул гардид (11 нафар).

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** — **Ҷурабоев Ғ.Ҷ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** — **Исмоилов А.А.**